Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев 17/6)

**Такриз**

**ба фишурдаи диссертатсияи Мавлонов Шаҳзод Олимович дар мавзуи «Хусусиятҳои сохторию маънои ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи илмии Мавлонов Шаҳзод ба яке аз масъалаҳои муҳими илми забоншиносӣ, яъне ба омӯзиши муқоисавии ҷумлаҳои унвонӣ ва хусусиятҳои сохторию маънои онҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст.

Дар шароити муосири тараққиёти рақобатноки ҷомеаи башар, бахусус дар ҷодаи илм, сиёсат ва иқтисод, калиди муваффақияту тараққиёт тавассути муносибату ҳамкориҳои илмиву таълимӣ ба даст меояд, ки ин бе омӯзиш ва донистани он забонҳои хориҷие, ки забони ягонаи илми муосиранд, мушкил аст. Тадқиқоти муқоисавии забонҳои англисиву тоҷикӣ аз ин талаботи ҷомеа сарчашма гирифта, такмили таълим ва омӯзиши онро ба таваҷҷуҳи кормандони илму маориф гузоштааст. Барои ҷавоб додан ба ин талаботи бамиёномада фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои Миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз санаи 04.04.2003 с. ва қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 02.12.2003 с. заминаи асосӣ мебошанд. Муҳиммияти дигар ин омӯзиши муқоисавии забонҳо чун омили рушди тадқиқоти забоншиносии муосири тоҷик аст, ки дар партави он на танҳо паҳлуҳои омӯхтанашуда ва баҳсноки забони тоҷикӣ равшан карда мешаванд, балки ҷанбаҳои қиёсиву типологии низоми синтаксисиву семантикии забонҳои гуногунсистема, муаммои пурбаҳси ҷумла, бахусус ҷумлаҳои номиву унвонӣ, баррасӣ гардида, зимни ин усулҳои таълиму омӯзиш ва тарҷума ба ҳар ду забон такмил дода мешаванд.

Масъалаҳои тадқиқоти мазкур бо барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва мавзуъҳои илмӣ робитаи зич доранд.

Хулосаҳои дар натиҷаи тадқиқот бадастомада метавонанд барои рушди минбаъдаи барномаҳои таълимии соҳаи илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ саҳм дошта бошанд.

**Навгонии илмии** кори илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар ҷараёни таҳқиқот, мақоми категориалии ҷумлаҳои унвонӣ дар тавсифу баёни дигар воҳидҳои синтаксисии ҳар ду забон муқаррар карда шуда, хусусиятҳои созмонӣ ва нақшиву маъноии ин воҳидҳо аз нуқтаи назари низоми байни ду забон ва дар ҳар забон ҷудогона таҳлилу баррасӣ ва зина ба зина муфассалан тавсифу тафсир ёфтаанд. Ҷумлаҳои мазкур вобаста ба хусусиятҳои интенсионаливу нақшӣ, вазифа, ҷузъиёти таркибӣ, семантикӣ ва баъзе ҷиҳатҳои тафовутнок ва шабеҳи онҳо тасниф ва мураттаб карда шудаанд. Ҳамчунин, фарқи байни ҷумлаҳои унвонӣ аз дигар намудҳои ҷумлаҳои бефеъл батафсил баён карда шуда, дар ҳамин замина, ҷумлаҳои унвонӣ, ҷумлаҳои бефеъл ва ҷумлаҳои нопурра муқоиса ва бо далелҳо шарҳу тафсир карда шудаанд. Зимни ин муқоиса намудҳои нави созмонӣ ва нақшиву маъноии ҷумлаҳои унвонӣ ва бефеъл маълуму мушаххас гардида, қолабҳои нави ҷумласозии ҷумлаҳои унвонӣ дар ҳар ду забони мавриди муқоиса дарёфт карда шудаанд. Мақому мавқеи нақшиву маъноии ҷумлаҳои унвонӣ дар низоми ҷумлаҳои номии забони англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Чӣ тавре, ки аз автореферат бармеояд, диссертатсия аз ду боб шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва сарчашмаҳои маводи амалӣ иборат мебошад ва ҳар як боби рисола пурра ва муфассал таҳлил ва баррасӣ шудааст. Хулосаҳо дар 13 банд ҷамъбаст гардидаанд.

Чӣ тавре, ки дар автореферат дарҷ гардидааст, муҳтавои рисола дар маърузаҳои конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявӣ ва конференсияҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ ва мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷалаҳои шомили КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст, инъикос гардидааст.

Дар баробари дастовардхои муҳими зикршуда, автореферати диссертатсия аз камбудиву норасоихо низ холӣ нест, ки зикри онхо барои такмили минбаъдаи тахкикоти диссертатсионӣ муфид хохад буд, аз чумла:

1. Дар матни автореферат ғалатхои грамматикӣ, имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе холатхо риоя нашудани мукаррароти қоидаҳои ба тозагӣ ба тасвибрасидаи имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасад;
2. Дар матни русии автореферат хатогиҳои грамматикӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Бояд қайд кард, ки дар маҷмуъ норасоиву ғалатҳои зикргардида ба мазмуну мундариҷа, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намесозанд.

Диссертант ҳангоми таҳияи фишурдаи рисола ба қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобат, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30.06.2021, №268 тасдиқ шудааст, диққати махсус зоҳир намуда, дар асоси ин ҳуҷҷати зарурӣ кораашро омода кардааст. Гузашта аз ин, автореферати ба тақриз пешниҳодгашта босаводона таҳия шуда, дар он ғалатҳои имлоӣ, китобӣ ва услубӣ ниҳоят кам ба мушоҳида мерасад, ки ин аз масъулияти баланд ва дониши хуби диссертант шаҳодат медиҳад.

Автореферати диссертатсияи **Мавлонов Шаҳзод Олимович дар мавзуи «Хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои унвонӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ»** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси **6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ** сазовор мебошад.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони
кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи
Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос
ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф Сурайё Шердилова

Имзои Сурайё Шердиловаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва котиботи
ДҶТИБКСМ Ҳабибзода Манучеҳр

Суроға:
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 15
Тел: (+992) 900440091
E-mail: sura24041988@gmail.com

13.08.2024